**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равбӣбити адабӣ.**

Мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ», бешуба, дар адабиётшиносии тоҷик як кори илмии тоза ва баитмомрасида мебошад. Ҳумоми Табрезӣ шоири ғазалсарои адабиёти форсии тоҷикӣ дар асри XIII буда, аз ӯ як девони ашъор боқӣ мондааст.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсия ва муқоисаи шаклу мундариҷаи он чунин ба назар мерасад, ки диссертант ба мавзуъ ворид аст, талаботи кори таҳқиқӣ – доварии холисонаву мунсифона ва аппарати илмиро хуб медонад, аз шеваҳои таҳлили адабиётшиносӣ ва баҳсу натиҷагириҳо ва бархурди илмӣ бо дигар муҳаққиқон огоҳ аст.

Муқаддимаи диссертатсия тибқи талабот шакл гирифта, дар ҳар бахш матолиби лозим аз рӯйи меъёрҳои мавҷуд тарҳрезӣ шудаанд. Масалан, бахши «Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ» дар 12 номгӯ ҷудо шудаанд, ки ҳамаи онҳо фарогири масъалаҳои мабоҳиси марбут ба мавзуи диссертатсия мебошанд.

Боби аввал «Зиндагинома ва мероси адабии Ҳумоми Табрезӣ» унвон дошта аз ду фасл ва ду зерфасл иборат аст. Дар фасли аввали ин боб бар асоси маълумоти овардаи шоир дар девонаш, маълумоти сарчашмаҳо ва иттилои осори таҳқиқии муосир ва таърихҳои адабиёти форс-тоҷик дар давраҳои гуногун, тарҷумаи ҳоли шоир илман таъйиду таъйин шудааст. Диссертант дар ин фасл кӯшиш кардааст, ки дар такя ба маълумтоти муътамад духӯрагӣ ва мушкилоти дар самти рӯзгори шоир, махсусан, соли таваллуду вафоти ӯ ҷо доштаро дақиқ кунад.

Фасли дуюми боби авал «Мероси адабии шоир» унвон дорад, муаллиф чакидаҳои хомаи адбибро таҳқиқ кардааст. Ин фасл ба ду зерфасл ҷудо шуда, дар зерфасли аввали ин фасл нусхаҳои хаттии девони шоир таҳқиқ шудаанд ва макону замони мавҷудияти нусхаҳои хатии девони шоир дақиқ нишон дода шудааст. Дар зерфасли дувуми ин фасл диссертант таркиби жанрии девони шоирро таҳқиқ карда, ҷойгоҳи ғазалро дар миёни дигар анвои адабии мавҷуд дар девони адиб муайян кардааст.

Боби дуюм – «Мундариҷаи ғоявии ғазалиёти Ҳумоми Табрезӣ» унвон дорад ва он чаҳор фаслро дар бар мегирад. Дар ин боб масоили

муҳимме, амсоли шеваҳои офаринишн маънӣ дар қолаби ғазал, ишқ дар ғазалиёти шоир, мадҳ дар газал ва афкори дидактикии шоир таҳқиқ шудаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Ҳумоми Табрезӣ» ном дошта, панҷ фаслро дар бар гирифтааст. Дар фасли аввали он – «Устухонбандӣ» ғазалҳои шоир аз ҷиҳати теъдоди абёт, ҷои қофия ва радиф, мавқеи матлаъу мақтаъ дар онҳо таҳқиқ шудаанд. Ҳамчунин, диссертант ғазалҳои шоирро аз ҷиҳати сохтори бадеӣ таҳқиқ карда, саҳеҳии онҳоро ба субут расонидааст.

Фаслии дуюм – « Ҷанбаҳои мусиқоии каломи шоир» унвон дошта, диссертант дар он саноеъи бадеии мусиқифизороро таҳқиқ карда,ҷанбаи дарунии мусиқии ғазалҳои шоирро таъйин кардааст. Фасли сеюм ба истифодаи авзон мухтас шудааст ва муҳаққиқ тамоми анвои авзони истифодакардаи шоирро таъйин карда, бо мисолҳо тавзеҳ додааст. Дар фасли ҷаҳорум қофия ва радиф дар ғазалҳо таҳқиқ шуда, дисертант ба ҷуз аз шарҳу тавзеҳи назарии қофия ва овардани мисолҳо, тамоми қофияи истифодакардаи шоирро таҳқику муайян карда нишон додааст.

Фасли панҷуми боби севуми диссертатсия ба шарҳу таҳқиқи ороёҳои бадеии истифодакардаи адиб бахшида шудааст. Диссертант собит кардааст, ки Ҳумоми Табрезӣ аз саноеи бадеии тавсиф, ташбеҳ, истиора, маҷоз, киноя, талмеҳ, иҳом ва ғайра кор гирифтааст.

Хулосаи автореферати диссертатсия шомили 10 банд буда, дар ҳар як банд сайъ шудааст, то муҳтавои асосии фаслҳои се боб дар шакли натиҷагириҳои дилхоҳ ба қалам оянд.

Барои таҷдиди назар ва такмили баъзе нукоти кори таҳқиқӣ ба назар гирифтани пешниҳодҳои зер ба манфиати кор мебошад:

1.Дар автореферат зикр шудааст, ки ҳаноми кор аз девони шоир ҳам аз нусхаи таҳиякардаи Рашид Айвазӣ ва ҳам аз нусхаи Муайяди Собитӣ кор гирифта шудааст, аммо дар дар поварақҳои диссертатсия нусхаи Собитӣ оварда нашудааст;

2.Диссертант газалҳои форсии тоҷикии Ҳумоми Табрезиро муфассал таҳқиқ кардааст. Аммо ғазалҳо ва абёти ба забони арабӣ ва лаҳҷаи табрезии ӯро сарфи назар намудааст;

3. Аз мутолиаи автореферат маълум мешавад, ки диссертант дигар анвои адабии мавҷуд дар девони шоирро хеле кам таҳқиқ кардааст, ки агар онҳо низ ба мисли газалҳои шоир васеътар пажуҳиш мешуданд, хубтар мешуд.

Албатта, ин гуна ғалатҳо хусусияти ҷузъӣ доранд ва ҳеч гоҳ аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқиро коста намекунанд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Фатулоҷони Умарзода дар мавзуи «Ҳумоми Табрезӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии ғазалиёти ӯ», ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

**Муқарриз:**

номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
муовини ректор оид ба корҳои тарбия
ва иҷтимоии Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода — Изатзода З. Т.
25 декабри соли 2024.

Суроға: 735140, ш. Душанбе,
н. Исмоили Сомонӣ, кӯчаи
Пӯлод Толис 12, хонаи 8.
Телефон: 918173363.
E-mail: Izatzoda@dk.ru

Имзои Изатзода Зулайхо Тоирро
тасдиқ мекунам: сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода — З. Ҳамидова

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Борбад, тел.: (+992 37)
231-18-27, tajartins @ yandex. cjm
25 декабри соли 2024.